Tajik | Тоҷикӣ

Mayor's Office of Immigrant Affairs | Раёсати шаҳрдорӣ оид ба корҳои муҳоҷирон

# МАНБАЪҲО БАРОИ МУҲОҶИРОНИ НЮ ЙОРК

## НОВОБАСТА АЗ ВАЗЪИ МУҲОҶИРАТИИ ШУМО, ШАҲРИ НЮ ЙОРК БАРОИ КУМАК ОМОДА АСТ.

### Кумаки ҳуқуқӣ оид ба муҳоҷират

**Барои гирифтани кумаки ҳуқуқии ройгон ва бехатар оид ба муҳоҷират, ба 800-354-0365** аз рӯзи душанбе то рӯзи ҷумъа, аз соати 9 то 18 занг занед.

### Корти ID-и шаҳри Ню Йорк

**Барои гирифтани ID-и шаҳри Ню Йорк,** ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шаҳрӣ барои ҳамаи сокинони аз 10 сола болои шаҳри Ню Йорк, ариза пешниҳод кунед. Барои тамдид ба таври онлайн ё сабти ном шудан, **ба 311** занг занед ё ба nyc.gov/idnyc гузаред.

### Дарсҳои забони англисӣ

Дар вақти дилхоҳ ва дар ҷои дилхоҳ дарсҳои **ройгони забони англисӣ** гиред. Барои гирифтани маълумоти бештар, ба **wespeaknyc.cityofnewyork.us** гузаред.

### Ҳифзи саломатӣ

**Марказҳои саломатӣ ва беморхонаҳои шаҳри Ню Йорк (H+H)** метавонанд ёрии таъҷилӣ, ёрии тиббии асосӣ, ташхисҳо, эмкунӣ ва ғайраҳоро пешниҳод кунанд. **Барои фиристода шудан ба маркази наздиктарин ба шумо, ба 1-844-NYC-4NYC (1-844-692-4692) занг занед.** Барои номнавис шудан ба тарофаҳои суғуртаи тиббӣ, аз ҷумла ба барномаи **NYC Care**, **ба 646-NYC-CARE (646-692-2273)** занг занед ё ба **nyccare.nyc** гузаред

### Солимии равонӣ

Барои гирифтани дастгирии махфӣ ва алоқа бо захираҳо оид ба солимии равонӣ ва истифодаи маводи мухаддир, **ба 888-692-9355 ё 988 занг занед, матни WELL-ро ба 65173** фиристед ё ба **mentalhealthforall.nyc.gov** гузаред.

### Ҳолатҳои таъҷилӣ

**Дар ҳолати таъҷилӣ ба 911 занг занед.** Ҳолати таъҷилӣ ҳар гуна ҳолате мебошад, ки кумаки таъҷилиро аз пулис, шуъбаи оташнишонӣ ё ёрии таъҷилӣ талаб мекунад. **Тибқи қонун, шуъбаи пулиси шаҳри Ню Йорк дар бораи вазъи муҳоҷиратии қурбониён, шоҳидони ҷиноятро ё дигар нафаронеро, ки кумак мехоҳанд, пурсида наметавонад.**

### Таълими давлатӣ

**Ҳамаи кӯдакони аз 4 то 21 солаи шаҳри Ню Йорк метавонанд ба мактабҳои давлатӣ раванд.** Барои номнавис шудан, ба **schools.nyc.gov/fwc** гузаред ё ба **311 занг занед**.

### Захираҳо ва маълумоти умумии шаҳр

Ба шумо лозим аст, ки ба захираҳои шаҳр дастрасӣ пайдо кунед ё дар бораи мушкилие хабар додан мехоҳед? Ба **311** занг занед ё ба **portal.311.nyc.gov** гузаред

### Хати тамоси раёсати оид ба корҳои муҳоҷирони шаҳри Ню Йорк

Ба хати тамоси мо ба **212-788-7654** аз рӯзи душанбе то рӯзи ҷумъа, аз соати 9 то 17 занг занед ё ба мо ба почтаи электронии **askmoia@cityhall.nyc.gov** паём фиристед

Mayor's Office of Immigrant Affairs | Раёсати шаҳрдорӣ оид ба корҳои муҳоҷирон

МАНБАЪҲО БАРОИ МУҲОҶИРОНИ НЮ ЙОРК

# НОВОБАСТА АЗ ВАЗЪИ МУҲОҶИРАТИИ ШУМО, ШУМО ҲУҚУҚҲО ДОРЕД.

## Қаллобии муҳоҷиратиро ҷилавгирӣ намоед

Агар ба шумо тавсияи ҳуқуқӣ оид ба муҳоҷират лозим шавад, танҳо ба адвокати соҳиби иҷозатнома ё намояндаи бақайдгирифташуда муроҷиат кунед. Шумо метавонед рӯйхати Хизматрасонҳои бақайдгирифташуда ва эътирофшударо дар **nyc.gov/immigrants** пайдо кунед.

## Ҳуқуқҳо нисбати хадамоти муҳофират

Шаҳри Ню Йорк назорати муҳоҷиратро намегузаронад. Агар хадамоти муҳофиратӣ федералӣ ба шумо муроҷиат кунад, пас шумо ҳуқуқҳо доред. Ба **nyc.gov/knowyourrights** гузаред ё ба хати тамоси муҳоҷиратии ройгони мо Ба рақами **800-354-0365** занг занед.

## Ҳуқуқҳои коргарон

Тибқи қонуни шаҳри Ню Йорк, шумо ба рухсатии пардохтшавандаи беморӣ, музди ҳадди ақал, музд барои афзункорӣ ва ғайраҳо ҳуқуқ доред. Барои захираҳо ба **nyc.gov/workers** гузаред ё ба **212-436-0381** занг занед.

## Хабар додан дар бораи табъиз

Тибқи қонуни Ню Йорк "Дар бораи ҳуқуқҳои инсон", азият ва табъиз ғайриқонунӣ мебошанд. Барои хабар додан дар бораи ҳолати табъиз, лутфан ба **212-416-0197** занг занед.

## Муҳофизат аз хушунати оилавӣ

Агар шумо дучори муомилаи дурушт шуда истода бошед, пас шаҳри Ню Йорк барои кумак омода аст. Шумо метавонед ба **nyc.gov/nychope** гузаред ё ба хати тамоси "Хушунати Оилавӣ"-и шаҳри Ню Йорк ба рақами **800-621-HOPE** занг занед.

## Ҳуқуқҳои иҷоранишин

Оё ба шумо доир ба масъалаҳои рондан аз хона ё иҷорадиҳанда кумак лозим аст? Ба **nyc.gov/tenantprotection** гузаред ё ба **311** занг занед ва барои гирифтани кумаки ҳуқуқии ройгон **"tenant helpline" (хати боварӣ барои иҷорагирон)** гӯед.

## Ҳуқуқ ба манзил

Агар шумо бесарпаноҳ бошед, шумо ҳуқуқ доред, ки манзил дархост кунед. Бо ташриф овардан ба маркази махсуси қабули Департаменти хизматрасонӣ ба шахсони бехонумон (Department of Homeless Services, DHS), ба хизматрасониҳои манзилӣ дастрасӣ пайдо кунед. Бо занг задан ба рақами **311**. маълумоти бештар гиред.

## Ҳимояи истеъмолкунандагон

Бо ширкате мушкилӣ доред? Ҳамчун истеъмолкунанда шумо ҳуқуқҳо доред. Бо гузариш ба **nyc.gov/consumers** ё занг задан ба рақами **311** шикоят пешниҳод кунед.